# Таҳкими сулҳу суббот – омили ҳастии миллат вобаста ба филми ҳуҷҷатии «Хиёнат»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 17 July, 2020 - 11:55
[1]

Имрӯз 17-уми июли соли 2020, соати 09:00 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Таҳкими сулҳу суббот – омили ҳастии миллат» вобаста ба филми ҳуҷҷатии «Хиёнат» баргузор гардид, ки дар он раиси

Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита иштирок намуданд.
Дар оғоз раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба мизи мудаввар хайра мақдам намуда, оид ба мазмуну муҳтавои филми ҳуҷҷати «Хиёнат»  маълумот дода, аз ҷумла баён намуданд, ки филми мустанади «Хиёнат», ки тавассути шабакаҳои телевизиони кишвар намоиш дода шуд, дар асоси далелҳои радношаванда, шоҳидии иштирокчиёни ҳодисаҳо ва маълумоти бойгонӣ омода карда шудааст ва ҳамагон аз муҳтавои ин филм огоҳ гаштанд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-ум, ки миллати моро ба вартаи нобудӣ мекашид, сабаби андӯҳи гарони мардуми кишвар гардид. Дар давоми панҷ соли ин ҷанги таҳмилӣ зиёда аз 150 ҳазор нафар ҳамватанони мо қурбон шуданд, тахминан 2 миллион шаҳрвандон бе хонаву дар монданд, ҳазорҳо оила бепарастор монда, фарзандон ятим шуданд. Баъзе минтақаҳои кишвар дар бунбасти иқтисодӣ монданд ва мардум азоби гуруснагӣ мекашиданд, аксари мардуми кишвар аз рӯи ноилоҷӣ гуреза ё муҳоҷир шуданд.

Маҳз талошу заҳматҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хомӯш кардани оташи ҷанги бародаркуш буд, ки мардуми кишвар ба рӯзҳои нек, зиндагии осуда, созандагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ расид. Албатта, хомӯш кардани ҷанги бародаркуш кори саҳлу осон набуд, вале шахсони ватандӯст, бонангу номус ва сарсупурдагони ватан ба хотири осудагии миллат кӯшиданд ва дар натиҷа ба он ноил гардиданд.
Пас аз намоиши филми мазкур тамошобинро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи доми хоинони ватанбезор нашаванд ва ба ҳимояи давлату миллат, ободу зебо ва бунёд намудани ватани худ ҷаҳду талош намоянд.
Баъдан муовини раиси Кумита дар мавзӯи «Воизон, к-ин ҷилва бар меҳробу минбар мекунанд...» ва сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита доир ба мавзӯи «Шукргузори ин даврони биҳиштӣ бошем» маърӯзаҳо пешниҳод намуданд. Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, саволҳои муҳим баррасӣ шуданд.

Мизи мудавварро раиси Кумита доктори илмҳои филологӣ – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу салоҳ орзу кард.
Шунидани суруди миллӣ анҷомбахши мизи мудаввар гардид.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- АМИТ «Ховар» [3]
- Кумита [4]
- Мақолаҳо [5]

- 

- 

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6664?mini=2025-05

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Image2020.PNG [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/12 [4] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/14 [5] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/26 [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/Image2020.PNG [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200717_092107.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200717_092144.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200717_095847.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200717_100231.jpg